5.2.3 [08.00.03] ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ ВА ҲУДУДӢ
5.2.3 [08.00.03] РЕГИОНАЛЬНАЯ И ОТРАСЛЕВАЯ ЭКОНОМИКА
5.2.3 [08.00.03] REGIONAL AND NATIONAL ECONOMY

***ТДУ 377***

## ***ИҚТИДОРИ САНОАТӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА***

***Ризозода Тӯра Раббим,*** *д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;* ***Шаропова Насиба Ҳафизовна,*** *н.и.и., омӯзгори калони кафедраи иқтисодиёт ва менеҷмент Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара(Тоҷикистон, Исфара)*

## ***ПРОМЫШЛЕННЫЙ ПОТЕНЦИАЛ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ РЕГИОНА***

***Ризозода Тура Раббим,*** *д.э.н., профессор, проректор по международным связям Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики;* ***Шаропова Насиба Хафизовна****, к.э.н., старший преподаватель кафедры экономики и менеджмента Филиала Технологического университета Таджикистана в городе Исфаре (Таджикистан, Исфара)*

## ***INDUSTRIAL POTENTIAL IN THE DEVELOPMENT OF THE REGION'S ECONOMY***

***Rizozoda Tura Rabbim****, Doctor of Economics, Professor, Vice-Rector for International Relations of the Tajik State University of Law, Business and Politics, E-mail: t_rizokulov@mail.ru;* ***Sharopova Nasiba Hafizovna,*** *Branch of the Technological University of Tajikistan in the city of Isfara, candidate of economic sciences, senior lecturer at the department of economics and management (Tajikistan, Isfara)*
***E-mail:*** *Sharopova89@inbox.ru*

***Калидвожаҳо:*** *иқтидор, минтақа, иқтидори саноатӣ, самаранокӣ, нишондиҳанда, рушд, сиёсати саноатӣ, захираҳо*

*Моҳияти иқтидори саноатии минтақа дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа баррасӣ карда мешавад. Аҳаммияти мушкилоти баррасишаванда барои иқтисодиёти минтақа асоснок карда шудааст. Ташаккули механизмҳое, ки ба фароҳам овардани шароит барои рушди саноати минтақа мусоидат мекунанд ва ба имкониятҳои бунёдии он мувофиқ аст, исбот карда шудааст. Категорияи «иқтидори саноатӣ» чун яке аз ҷузъҳои асосии иқтидори иқтисодии минтақа баррасӣ гардида, ҷузъҳои сохтории иқтидори саноатӣ ва маҷмуи нишондиҳандаҳое, ки иқтидори саноатии минтақаро тавсиф мекунанд, муайян ва асоснок карда шудаанд. Хулоса бароварда шудааст, ки барои рушди иқтидори саноатии минтақа, ташаккули сиёсати саноатии мутавозин ва ба шароити муосири иқтисодӣ мувофиқ зарур аст.*

***Ключевые слова****: мощность, регион, промышленный потенциал, эффективность, производительность, развитие, промышленная политика, ресурсы.*

*Рассматривается сущность промышленного потенциала региона в обеспечении развития экономики. Аргументировано значение рассматриваемых проблем для экономики региона. Доказано формирование механизмов, способствующих созданию условий для развития промышленности региона и соответствующих ее фундаментальным возможностям. Категория "промышленный потенциал" рассматривается как один из основных компонентов экономического потенциала региона, определяются и обосновываются структурные компоненты промышленного потенциала и совокупность показателей, характеризующих «промышленный потенциал» региона. Сделан вывод о том, что для развития промышленного потенциала региона необходимо формирование сбалансированной и соответствующей современным экономическим условиям промышленной политики.*

***Keywords****: capacity, region, industrial potential, efficiency, productivity, development, industrial policy, resources.*

*The article examines the essence of the industrial potential of the region in ensuring economic development. The importance of the problems under consideration for the economy of the region is justified. The formation of mechanisms contributing to the creation of conditions for the development of industry in the region and corresponding to its fundamental capabilities is proved. The category of «industrial potential» is considered as one of the main components of the economic potential of the region, the structural components of industrial potential and a set of indicators characterizing the «industrial potential» of the region are determined and justified. The article concludes that in order to develop the industrial potential of the region, it is necessary to form a balanced and appropriate industrial policy in accordance with modern economic conditions.*

Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ калиди асосии таъмини рушди иқтисодиёти ҳар як минтақа маҳсуб мегардад. Аз ин лиҳоз, дар бештари кишварҳои ҷаҳон, алалхусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол ба вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Алалхусус, дар «Стратегияи миллии рушд барои то давраи соли 2030» зербоби махсус ба рушди минтақаҳо бахшида шудааст. Дар навбати худ дар ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2018 бо амалишавии стратегияи саноатикунонӣ, аз ҷумла ба рушди соҳаи саноат бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Зеро бо ин роҳ афзоиши иқтидори содиротии саноатӣ таъмин карда мешавад. Чӣ тавре ки дар Паёми Пешвои миллат қайд гардидааст: «... Ҳукумати мамлакат, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки афзоиши назарраси ҳаҷми коркард ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногунсамтии истеҳсолот, ҷойгиркунонии самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси маҷмааҳои саноатиро таъмин намоянд» [1, с.16]. Бинобар ин, истифодаи самараноку оқилонаи иқтидорҳои саноатӣ, бахусус захираҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳо масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Мавҷудияти захираҳои табиӣ ва ҳамроҳшавии он ба раванди такрористеҳсол имкониятҳои минтақаро дар самти рушд муайян месозад. Мақсади асосӣ фароҳам овардани шароитҳои мусоиди зисту зиндагонии аҳолии минтақа мебошад. Дар баланд бардоштани сифати ҳаёти иҷтимоӣ дар минтақаҳо саҳми ниҳодҳои тандурустӣ, маориф, фарҳанг, нақлиёт, роҳ, хоҷагии коммуналӣ, яъне сатҳи рушди онҳо аҳаммияти калон дорад. Бо ибораи дигар гӯем, рушди соҳаи инфрасохторӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии онҳо ба соҳаи иҷтимоиёт таъсири бевосита дорад. Бинобар ин дар илми иқтисодиёт соҳаи инфрасохториро низ ба таркиби иқтидори захираи минтақа ворид менамоянд. Мафҳуми инфрасохтор, чӣ тавре ки ба ҳамагон маълум аст, комплекси соҳаҳо мебошад, ки дар ҷараёни истеҳсолот иштироки бевосита надорад, вале ба истифодаи самараноки он мусоидат менамояд [2, с.53]. Ҳамаи узвҳои онро инчунин аз нуқтаи назари иқтидори захиравӣ таҳқиқ кардан мумкин аст. Зеро бидуни истифодаи хизматрасонии ҳамаи инфрасохторҳо, яъне инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, бозорӣ ва ғайра самаранок ташкил намудани ҷараёни истеҳсоли молу хизматрасониҳо ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ғайриимкон аст.

Натиҷаи ниҳоии истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ дар ҳар як минтақа дар умум дар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ инъикос мегардад. Тағйирот алалхусус дар ҳаҷми умумии истеҳсолот, даромади аҳолӣ, сармоягузорӣ, сатҳи рақобатпазирии молу маҳсулот, дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва ғайра зоҳир мешавад [3, с.107]. Вақте сухан оид ба иқтидори саноатии минтақа меравад, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, инсонӣ ва истеҳсолиро дар ҳамбастагӣ баррасӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Танҳо амали якҷояи онҳо ба рушди иқтисодиёти минтақа мусоидат менамояд.

Минтақа барои ҷалби сармоя, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ, истифодаи самараноки захираҳо имконияти калон дорад. Вобаста ба ин, дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолии кишвар омадааст, ки «...ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба шуғл зарур аст, ки тибқи супоришҳои қаблӣ дар соҳаҳои иқтисоди кишвар ҳар сол зиёда аз 100 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шаванд» [4, с. 5].

Дар шароити гузариш аз иқтисодиёти аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ, ки алҳол дар ҷумҳурӣ амалӣ шуда истодааст, дар минтақаҳо соҳаи саноат низ ба соҳаи авлавиятдошта мубаддал мегардад. Барои рушди саноати минтақа истифодаи самараноку оқилонаи иқтидори захиравии он зарур мебошад. Иқтидори саноатии минтақа аз ҷониби бисёр олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Масалан, олими тоҷик Р.К. Раҳимов дар асарҳои худ рушди соҳаи саноатро дар иқтисодиёти Тоҷикистон ва минтақаҳои он ҳамаҷониба баррасӣ намудааст. Алалхусус қайд карда шудааст: «... Дар бахши воқеии иқтисодиёт соҳаи саноат нақши калидӣ дорад, зеро бо воситаи он

иқтидори иқтисодии давлат, сатҳи рушди минтақаҳо, сохтори оптималии ҳоҷагии халқ, самаранокии тағйиротҳои иқтисодӣ, инчунин иҷтимоикунонии ислоҳоти бозорӣ муайян мегардад. Бинобар ин соҳаи саноат... бояд чун захираи асосии таъмини рушди иқтисодӣ барои давраи оянда баррасӣ карда шавад» [5, с.461].

Ба ақидаи олимони рус Гаусс К, Баканач О.В. иқтидори саноатӣ чунин қобилияти корхона мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро ба роҳ монда, бо воситаи ишғол намудани мавқеи муайян дар бозор фоидаи зарурӣ ба даст оварда мешавад. Онҳо чунин ақида доранд, ки баҳри афзоиши иқтидори саноатӣ бояд ҷалби доимии техникаву технологияҳои нав, баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ, амалишавии унсурҳои технологияҳои рақамӣ роҳандозӣ карда шавад. Агар ҳадафҳои мазкур амалӣ шавад дар ҳар як минтақа ҳалли масъалаи ташкили ҷойҳои корӣ, ҷавобгӯ будан ба талаботҳои дохилӣ, рушди минтақа имконпазир мегардад [6, с.19].

Цагоев И. Х. қайд мекунад, ки иқтидори саноатӣ маҷмуи интегралии захираҳо дар фазои муайяни ҳудудӣ мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси истифодаи самаранок истеҳсоли молҳои саноатии гуногунро таъмин менамояд. Тавассути афзоиш додани теъдоди корхона ва ташкилотҳои истеҳсолии маҳсулотҳои саноатӣ имконияти гузариши минтақа ба иқтисодиёти инноватсиониву индустриалӣ боз ҳам тақвиятмеёбад [7, с.11].

Барои рушди соҳаи саноат дар минтақа ҷалби технологияи муосир зарур мебошад. Олимони рус И.В. Бойко, Л.А. Чернобродова, А.Б. Шумейко қайд мекунанд, ки дар шароити муосири гузариш ба марҳилаи саноатикунонӣ ва инноватсионӣ ба масъалаи ҳамаҷониба ҷорӣ намудани дастовардҳои илму техника бояд таваҷҷуҳи махсус дода шавад [8, с.21]

Бояд таъкид кард, ки иқтидори саноатӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ аз мавҷудияти захираҳо бештар вобаста аст, зеро захираҳои истеҳсолот ба фаъолияти корхонаҳо мусоидат намуда, дар навбати худ коркарди арзиши умумии иловашударо таъмин менамоянд. Иқтидори захиравии корхонаҳо аз маҷмуаи унсурҳои алоҳидаи иқтидорҳо, алалхусус, иқтидори моддӣ-техникӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ ва ғайра бармеояд. Дар шароити муосир ба рушди иқтисодиёти рақамӣ дигар намуди иқтидорҳо, аз ҷумла иқтидорҳои иттилоотӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, инноватсионӣ ҳамроҳ карда шудааст.

Рушди иқтисодиёти саноатии минтақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз истифодаи имкониятҳои мавҷудаи иқтидори саноатии минтақаҳои он ва васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолии саноатӣ вобастагии зиёд дорад. Дар асоси таҳлили нуқтаи назари олимони хориҷӣ ва ватанӣ таърифи зерини мафҳуми иқтидори саноатии минтақаро пешниҳод кардан мумкин аст: маҷмуаи захираҳои инсонӣ, моддӣ-техникӣ, инфрасохторӣ, молиявӣ, захираҳои табиӣ, инноватсионӣ, ки дар ҳудуди маъмурии муайян мавҷуд буда, дар асоси он рушди соҳаи саноат имконпазир мегардад. Дар заминаи иқтидори саноатӣ ҳар як минтақа метавонад истеҳсоли молҳои мухталифи саноатиро ба роҳ монад ва бо ин васила дар рушди иқтисодиёти минтақа саҳмгузор бошад.

Ҷузъҳои иқтидори саноатии минтақа дар шакли схема дар расми 1 оварда шудааст.




***Расми 1. Хусусияти ҷузъҳои иқтидори саноатии минтақа***

Ҷузъҳои таркибии иқтидорӣ-саноатӣ, ки дар расми боло нишон дода шудаанд, истифодаи самараноки имкониятҳои истеҳсолию молҳои саноатиро бояд таъмин намоянд. Чӣ тавре ки дар расм инъикос гардидааст, ҷузъҳои сохтории бахши саноат дар асоси истифодаи самараноки иқтидорҳо имконпазир мебошад.




**Расми 2. Ташаккули иқтидори саноатии минтақа**

Дар инкишофи иқтидори саноатӣ дар ҳар як минтақа нақши сармоягузорӣ хеле баланд аст. Хусусан сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ, яъне ба технология, таҷҳизот, равандҳои истеҳсолот, бино, мошинҳо ва ғайра имкониятҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатиро афзоиш медиҳад. Дар ин радиф ташаккул додани иқтидори инноватсионӣ дар ҳар як корхонаи саноатӣ хело муҳим арзёбӣ мешавад. Вақте ки сухан дар бораи иқтидори инноватсионӣ меравад, маҷмуаи ғояҳои нави техникӣ-технологӣ, фаъолнокии инноватсионӣ, кадрҳои баландихтисоси муҳандисиро, ки истеҳсоли моли нави инноватсиониро таъмин менамоянд, фаҳмидан мувофиқи мақсад аст. Дар ин радиф моҳияти дигар намудҳои иқтидорро баррасӣ намоем. Алалхусус иқтидори молиявиро номбар кардан зарур аст, ки имкониятҳои корхонаҳои саноатиро дар самти афзоиши ҳаҷми фоида, мавҷудияти захираҳои пулӣ-асъорӣ, истеҳсоли молҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозорро дар бар мегирад.

Дар навбати худ иқтидори меҳнатӣ теъдод, сохтори касбӣ, баландихтисосӣ, инчунин истеъдоди инноватсионии захираҳои меҳнатиро ифода мекунад.

Иқтидори инфрасохторӣ бошад, мавҷудияти соҳаҳо, зерсохторҳоеро инъикос менамояд, ки ба истеҳсоли молу маҳсулотҳои саноатӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, иқтидори саноатии минтақа барои гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ дар ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ мусоидат намуда, бо ин васила ба ҳаллу фасли бисёр проблемаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Алалхусус ба гирдгардиш ворид намудани ашёи хоми маҳаллӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, ҳавасманд гардидани истеҳсолкунандагони ватанӣ, васеъ намудани имконият барои ворид шудан ба бозорҳои хориҷӣ, аз ҳама муҳим афзоиш додани иқтидори истеҳсолии минтақаро таъмин менамояд. Бинобар ин ба амалишавии сиёсати саноатикунонӣ дар минтақаҳо ҳамчун ҳадафи стратегияи давлатӣ бояд ҳамаи имкониятҳои мавҷуда истифода шаванд.

Дар илми муосири иқтисодӣ роҷеъ ба арзёбии иқтидори саноатии минтақа ақидаҳои гуногун мавҷуд аст, яъне иттифоқи ороъ вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз дар ҷадвали поён таърифҳои беҳтарини иқтидори саноатиро оварда, мавриди таҳлил қарор медиҳем.

**Нишондиҳандаҳои асосии иқтидори саноатии минтақа**

| Номгӯйи иқтидор | Нишондиҳандаҳо | Хусусият |
|---|---|---|
| иқтидори моддӣ-техникӣ | Арзиши фондҳои асосии саноат ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | Самаранокии истифодаи фондҳои асосии истеҳсолӣ |
| | Пардохти фондӣ | Тавсифи ҳолати захираҳои истеҳсолӣ |
| | Дараҷаи фарсудашавии фондҳои асосии саноат (%) | Хусусияти таъминоти фондҳои асосии саноати минтақа |
| иқтидори инноватсионӣ | Ҳиссаи маҳсулоти инноватсионии истеҳсолӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии % | Дараҷаи рушди инноватсионии саноат |
| | Ҳиссаи корхонаҳои инноватсионӣ (%) | Имкониятҳои корхонаҳои саноатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти нав |
| | Шумораи кормандоне, ки бо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва конструкторӣ машғуланд (ба ҳазор нафар кормандони саноатӣ) | Дараҷаи самаранокии соҳаҳои илмӣ-инноватсионӣ дар саноат |

| | | |
|---|---|---|
| | Ҳиссаи харочот барои чалби технологияи инноватсионӣ дар ҳачми умумии сармоягузорӣ ба саноат (%) | Сатҳи афзалиятнокии рушди технологияи саноатӣ |
| иқтидори молиявӣ | Натичаи молиявии корхонаҳои саноатӣ ба 1 сомонии фондҳои асосии истеҳсолӣ(сомонӣ) | Дарачаи имкониятҳои молиявӣ барои рушди саноат |
| | Ҳиссаи ташкилотҳои фоидаовари саноат дар шумораи умумии ташкилотҳои саноатӣ (%) | Дарачаи самаранокии фаъолияти соҳаи саноат дар минтақа |
| | Даромаднокии дороиҳои ташкилотҳои саноатӣ % | Самаранокии истифодаи дороиҳои ташкилотҳои саноатӣ ба мақсади гирифтани фоида |
| иқтидори меҳнатӣ | Ҳиссаи мутахассисони дорои маълумоти миёнаи касбӣ дар шумораи умумии кормандон (%) | Захираҳои зеҳнии саноат |
| | Ҳиссаи мутахассисони дорои маълумоти олӣ дар шумораи умумии кормандони саноатӣ (%) | Захираи кормандони баландихтисоси саноат |
| | Ҳиссаи кормандони истеҳсолӣ-саноатӣ дар шумораи умумии кормандони иқтисодиёт (%) | Захираи меҳнатии соҳаи саноат |
| иқтидори инфрасохторӣ | Мавчудияти технопаркҳои саноатӣ, соҳаҳои инфрасохторӣ (газ, неруи барқ, об, канализатсия) (га) | Таъминнокии минтақа бо инфрасохтор, таҳкурсии ҳуқуқӣ барои чойгиронии қувваҳои истеҳсолӣ |
| | Зичии роҳҳои автомобилӣ бо пӯшиши сахт. (километр роҳҳо ба ҳудуди 1000 км мураббаъ) | |
| | Зичии роҳи оҳани истифодаи умумӣ, километр дар ҳудуди 1000 км мураббаъ | Зичии инфрасохтори нақлиёт |
| иқтидори сармоягузорӣ | Ҳиссаи сармоягузории бонкӣ дар ҳачми умумии сармоягузорӣ ба саноат (%) | Ҳиссаи сармоягузорӣ ба дороиҳои истеҳсолии худ |
| | Ҳачми сармоягузорӣ ба сармояи асосии саноат ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | Дарачаи самаранокии чалби сармояи бонкӣ |
| | Ҳиссаи сармоягузорӣ ба мошинҳо, тачҳизот ва воситаҳои нақлиёт аз ҳачми умумии сармоягузорӣ ба сармояи асосии ташкилотҳои саноатӣ (%) | Тавсифи ҳачми сармоягузорӣ, ки ба навсозӣ ва рушди саноат равона карда шудааст |

Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашма [9, с.15-25].

Дар асоси баррасии равишҳои гуногуни методӣ рочеъ ба арзёбии иқтидори саноатӣ метавонем гуфт, ки дар рушди иқтисодиёти минтақа соҳаи саноат нақши ҳалкунанда дорад. Зеро он ба мазмун ва мундаричаи қувваҳои истеҳсолкунанда таъсири бевосита дошта, дар баланд бардоштани некӯаҳволии минтақа нақши назаррас мебозад. Аз ин лиҳоз, дар амалӣ намудани истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолии минтақаҳо ташаккули истеҳсоли молу маҳсулоти саноатӣ нақши калидӣ дорад. Дар ин радиф арзёбӣ намудани имкониятҳои захираҳои табиии минтақаҳо низ дар масъалаи ташкили соҳаи саноат имконият дорад, муайян мекунанд [10, с.92].

Дар хулоса лозим ба таъкид аст, ки истифодаи самараноки иқтидори саноатии минтақаҳо ба ҳалли бисёр масъалаҳои иқтисодию ичтимоии онҳо ёрӣ мерасонад, зеро дар ҳар як минтақа имкониятҳои муайян барои ташаккул ва рушди истеҳсоли молҳои саноатӣ мавчуд аст. Танҳо дарёфти имкониятҳо, чалби сармояи дохилӣ ва хоричӣ, коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои молиявӣ, меҳнатӣ, инфрасохторӣ тавассути коркарди барномаи махсуси рушди бахши саноат дар иқтисодиёти минтақа тақозо карда мешавад. Дар Чумҳурии Точикистон ва дар минтақаҳои он таҳкурсии мусоиди сиёсию ҳуқуқӣ, муҳити муносиби рушд барои рушди соҳаҳои саноат муҳайё гардидааст. Истифодаи ҳамачонибаи имкониятҳои мавчуда ба рушди соҳаи саноат дар

минтақаҳо, афзоиши қобилияти воридотивазкунӣ ва иқтидори содиротӣ, ҷалби сармоягузорӣ, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа такон медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Аганбегян А. Г., Михеева Н. Н., Фетисов Г. Г. Модернизация реального сектора экономики: пространственный аспект // Всероссийский научный журнал «Регион: экономика и социология». – 2012. – № 4 (76). – С. 7–44;
2. Баканач, О. В. Типология регионов РФ по уровню развития промышленного потенциала [Текст] / О. В. Баканач, К. В. Гаусс // Проблемы совершенствования организации производства и управления промышленными предприятиями: межвузовский сборник научных трудов. – 2012. – № 1. – С. 15–21.
3. Бойко, И.В., Чернобродова, Л.А., Шумейко А.Б. Рушди технологии минтақавӣ дар шароити рафъи бӯҳрони иҷтимоӣ ва иқтисодӣ // Маҷаллаи илмии NiU NTMO. Силсилаи «Иқтисодиёт ва идоракунии иқтисодӣ». - 2015. - № 2. – С. 17-23.
4. Кузнецова А. И. Инфраструктура: Вопросы теории, методологии и прикладные аспекты современного инфраструктурного обустройства. Геоэкономический подход. – М. : КомКнига, 2006. – 456 с.; Ларионова О. А. Региональная диверсификация и ее влияние на развитие производства // Организатор производства. – 2009. – № 4 – С. 90–94.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21 декабри соли 2021. – Душанбе; «Шарқи озод», 2021. – 57 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2023. – Душанбе; «Шарқи озод», 2023. – 64 с.
7. Раджабов Р.К., Файзуллоев А.Х. Некоторые подходы к формированию факторов, характеризующих потенциал развития региона в условиях конкуренции // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2014. - № 2-7 (147) - С.50-55.
8. Рахимов Р.К. Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан. (монография) / Академия наук Республики Таджикистан – Душанбе; ООО «Торус», 2012. – 812 с.
9. Ризокулов, Т. Р. Бизнес-климат и внутренний потенциал инвестиций в системе факторов устойчивого развития регионов (на примере Согдийской области Республики Таджикистан) / Т. Р. Ризокулов, А. А. Каюмов // Таджикистан и современный мир. – 2016. – № 5(55). – С. 102-109.
10. Цагоев, И. Х. Роль государства в формировании и реализации промышленной политики в Северо-Кавказком федеральном округе [Текст] : автореф. дис. на соиск. уч. ст. канд. экон. наук : 08.00.05 / И. Х. Цагоев. – М, 2012. – 29 с.


**REFERENCES:**


1. Aganbegyan A. G., Mikheeva N. N., Fetisov G. G. Modernization of the Real Sector of the Economy: A Spatial Aspect // All-Russian Scientific Journal "Region: Economics and Sociology". – 2012. – No. 4 (76). – P. 7–44;
2. Bakanych, O. V. Typology of the Regions of the Russian Federation by the Level of Industrial Potential Development [Text] / O. V. Bakanych, K. V. Gauss // Problems of Improving Production Organization and Management of Industrial Enterprises: Interuniversity Collection of Scientific Works. – 2012. – No. 1. – P. 15–21.
3. Boyko, I.V., ChernobrodoVA, L.A., Shumeyko A.B. Development of Regional Technology in the Context of Overcoming Social and Economic Crises // Scientific Journal NiU NTMO. Series "Economics and Economic Management". - 2015. - No. 2. – P. 17-23.
4. Kuznetsova A. I. Infrastructure: Issues of Theory, Methodology, and Applied Aspects of Modern Infrastructure Development. Geo-economic Approach. – Moscow: KomKniga, 2006. – 456 p.; Larionova O. A. Regional Diversification and Its Impact on Production Development // Organizer of Production. – 2009. – No. 4 – P. 90–94.
5. Address of the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, "On the Main Directions of the Domestic and Foreign Policy of the Republic," December 21, 2021. – Dushanbe; "Sharqi Ozod," 2021. – 57 p.

6. Address of the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, "On the Main Directions of the Domestic and Foreign Policy of the Republic," December 28, 2023. – Dushanbe; "Sharqi Ozod," 2023. – 64 p.
7. Radjabov R.K., Fayzulloev A.Kh. Some Approaches to the Formation of Factors Characterizing the Regional Development Potential in the Context of Competition // Bulletin of the Tajik National University. Series of Socio-Economic and Public Sciences. - Dushanbe, 2014. - No. 2-7 (147) - P. 50-55.
8. Rahimov R.K. Problems of Transition Economy Development in the Republic of Tajikistan. (Monograph) / Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan – Dushanbe; LLC "Toros", 2012. – 812 p.
9. Rizokulov, T. R. Business Climate and Internal Investment Potential in the System of Sustainable Regional Development Factors (On the Example of the Sogd Region of the Republic of Tajikistan) / T. R. Rizokulov, A. A. Kayumov // Tajikistan and the Modern World. – 2016. – No. 5(55). – P. 102-109.
10. Tsagoev, I. Kh. The Role of the State in the Formation and Implementation of Industrial Policy in the North Caucasus Federal District [Text]: Author's abstract of dissertation for the degree of Candidate of Economic Sciences: 08.00.05 / I. Kh. Tsagoev. – Moscow, 2012. – 29 p.